Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сирочидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи чорводории самти ширдеҳ на танҳо ба зеркомплекси системаи ташкилкунандаи чорводорӣ ва кишоварзӣ дахл дорад ва ба он таъсир мерасонад, балки он ба амнияти озуқавории кишвар ва ниҳоят аз рушди онҳо вобаста аст. Яъне, зеркомплекси чорвои ширдеҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти хосеро доро буда, ба рушду равнақи деҳот то андозае таъсир расонида, махсусан устувории иҷтимоии онро таъмин менамояд. Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ, ҳамасола аҳолии мамлакат 2,0 - 2,5 фоиз зиёд шуда истодааст, дар радифи он миқдори саршумори чорвои калони шохдори самти ширдеҳ низ афзоиш ёфта истодаанд, мутаасифона вобаста аз категорияҳои хоҷагиҳо зиёда аз 95%-и он дар дасти аҳолӣ мебошад, ки ҷори намудани низоми нигоҳубини чорво ва равандҳои пешқадами технологӣ таъсири манфии худро мерасонанд.

Мушкилот боз аз он ҷиҳат амиқтар мегардад, ки соҳаи мазкур хусусиятҳои худро дорад, ки ҳангоми ташкили истеҳсолот ва гирифтани маҳсулоти ниҳоӣ онро бояд ба назар гирифт. Дар навбати худ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти соҳаи чорводорӣ хусусан шир, талаботи бозори озуқавории кишварро пурра таъмин карда наметавонад, яке аз омилҳои он занҷираи номукаммали истеҳсол, коркард ва фурӯши агросаноатии кишвар алоқаманд аст. Дар ин робита ҳалли масъалаи такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он, нишондиҳандаҳои асосии рушди кластер ва микрокластер, механизми идоракунӣ дар соҳаи чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нуқтаи назария ва амалия, ки метавонад ба афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти он ва фаъолияти хоҷагиҳо мусоидат намояд, муҳим арзёбӣ карда шудаанд.

Муаллиф дар автореферат ҳолати ҳозираи рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаклҳои асосии нигоҳубин, ташкили истеҳсоли маҳсулот ва самаранокии онро мушаххас дар мисоли хоҷагиҳо таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ баромад менамоянд, барои амалӣ гаштани он модели кластери соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ тарҳрезӣ ва пешниҳод шудаанд, ки муҳиммияти назариявиро дорост.

Унвончӯ дар автореферат такмили давлатии зеркомплекси чорвои ширдеҳ ҳамчун самтҳои тараққиёт дар шароити бозорӣ, аз он ҷумла низом ва вазифаҳои он, алгоритми гирифтани субсидияҳо барои зиёд кардани саршумори чорвои ширдеҳ ва меъёрҳои пардохтшаванда дар асоси барномаи дастгирии давлатӣ таҳия ва пешниҳод намудааст, ки ҳангоми истифода қобили қабул мебошанд. Бояд қайд кард, ки Олимзода А.С. дар автореферати диссертасия ҷанбаҳои амалии такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии онро пешниҳод намудааст.

Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса бароварда, ки кори таҳқиқотии мазкур аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он зоҳир мегардад.

Дар баробаи муваффақиятҳои кори диссертатсионӣ қайд кардан мумкин аст, ки агар муаллиф сарчашмаҳои кумаки давлатӣ дар рушди соҳаи чорводории самти ширдеҳ – кластер ва микрокластер, ки ба натиҷаи иқтисодий-истеҳсолӣ таъсир мерасонад асоснок карда нишон медод, он гоҳ мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегашт.

Аз автореферати кори диссертатсионӣ бармеояд, ки диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақризнавис:
Мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ,
доктори фалсафа PhD, и.в. дотсент Раҷабзода О.Ҷ.

Имзои **Раҷабзода О.Ҷ.**-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Телефон: (+992) 977832083, E-mail: hofiz.iskandarov@mail.ru

3.7.07.26